«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
______________
«___» ________ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Султонов Муҳамадато Исоевич** соли 1989 Донишгоҳи давлатии ба номи М. Ломоносови шаҳри Маскавро бо ихтисоси рӯзноманигории байналмилалӣ хатм намудааст. Фаъолияти кориашро баъд аз хатми Донишгоҳ ба ҳайси мухбири шуъбаи ҷамъиятии хабаргузории «Ховар»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намудааст.

Аз соли 1990 то соли 2000 мудири шуъбаи ҷамъиятӣ-сиёсии Маркази Иттилоотии «Ховар» дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз соли 2000 дар вазифаи роҳбари маркази матбуот ва аз соли 2010 мудири шуъбаи матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Роҳбари илмии Султонов Муҳамадато Исоевич доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ Мурод Бердӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 02.12.2023, қарори №3 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Султонов Муҳамадато Исоевич 16-уми ноябри соли 2024, №135 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили аввалин рӯзномаи парлумонии Тоҷикистон – «Садои мардум» бахшида шудааст. Омӯзиш ва

пажуҳиши ин ва ё он нашрияи даврӣ на танҳо барои муайян кардани ҷанбаҳои таърихӣ, муҳтавоӣ ва жанрии як рӯзнома муҳим аст, балки барои таҳқиқи марҳалаи муайяни матбуоти даврӣ аҳаммиятнок буда, маводи фаровонеро фароҳам меоорад. Ба ин мазмун, таҳқиқи рӯзномаи «Садои мардум» ба сифати нашрияи парлумонӣ дар илми журналистика, бахусус таърихи журналистикаи тоҷик ва публитсистика шиносӣ аз мавзуъҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Омӯзиш ва таҳқиқи рӯзномаи «Садои мардум» нишон медиҳад, ки дар таъсис (29-уми августисоли 1990) ва нашри ин рӯзнома (1-уми январи соли 1991) воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиии замони бозсозӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои навадуми садаи бист, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, тавсиа ёфтани фазои иттилоотӣ, қонунҳои танзимкунандаи ВАО ва амсоли ин таъсир гузоштаанд.

Ҷараёни ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум» дар се марҳала: солҳои 1991-2000; 2000-2010 ва аз соли 2010 то ба имрӯз (2023) сурат гирифтааст. Ин марҳалаҳо вижагиҳои умумӣ ва хос доранд. Вижагии умумӣ он аст, ки нашрия аз марҳалаи ташаккул то рушди минбаъда ба усули ҳирфаии рӯзномасозӣ пойбанд буда, ҳамчун нашрияи парлумонӣ чеҳраи хоси иттилоърасонииашро дар ҷомеа ба василаи ҳақшиносиву вуқуънигорӣ ҳифз намудааст.

Рӯзномаи «Садои мардум» аз нигоҳи шаклу ороиш то андозае хусусияти умумӣ дошта бошад ҳам, аз вижагиҳои хос бебаҳра нест. Аносири ороишӣ ва дизайнии рӯзнома бо мундариҷаи он таносуби комил дошта, тарҳи саҳифаоройӣ, рубрикасозӣ, рангорангии ҳуруф, истифодаи акс ва дигар аломатҳои рӯзномасозӣ шаклу мундариҷаи нашрияро ғанӣ ва зебо сохтааст.

Нашрии даврии «Садои мардум» дар инъикоси ҳодисаву рӯйдод, воқеиятҳои сиёсӣ, ичтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, шарҳу тавзеҳ ва таҳлили вазъияти кишвар ва ҷаҳон, баррасии масъалаҳои муҳими рӯз ва тасвири корномаи инсонҳои шоиста аз имконоти аксари жанрҳои публитсистӣ истифода намудааст. Истифодаи жанрҳои гуногун касбиёна сурат гирифта, имкон фароҳам овардааст, ки матолиби ин нашрияи даврӣ, аз як тараф, рангоранг, ҷолиб, ва муассир гардад, аз ҷониби дигар, барои рушд ва таҳаввули жанрҳои публитсистӣ заминаҳои амалӣ ва сабақҳои касбӣ шакл гирад.

**Мавзуи диссертатсия** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ бо барнома ва мавзуъҳои алоқаманд бо таҳқиқоти илмӣ пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастомада дар таҳия ва такмили васоит ва барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд.

Муаллифи диссертатсия таҳқиқи «Садои мардум»-ро ба сифати нашрияи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти вижагиҳои шакливу ороишӣ ва мундариҷавию жанрӣ ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст.

Бо дар назардошти моҳият ва ҷанбаъҳои назариву амалии масъалаи мавриди таҳқиқ, барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

– муайян намудани омилҳои асосии пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули нашрияи парлумонии «Садои мардум»;

– баррасии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили аслии таъсиргузор дар ба вуҷудоии нашрия;

– бо назардошти воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва раванди тағйиротҳо дар фазои иттилоотии кишвар мушаххас намудани марҳилаҳои ташаккул ва рушди нашрияи парлумонӣ;

– арзёбии вижагиҳои сохтори, ороишӣ ва дизайни нашрияи даврии Садои мардум дар солҳои гуногуни интишор;

– таҳқиқ ва таҳлилу арзёбии вижагиҳои мундариҷавӣ ва мавзуии нашрия;

– таснифи мвзуъҳои маводи дар нашрия чопшуда дар заминаи воқеиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

– таҳлили таносубии жанрҳои публитсистӣ дар шумораҳои гуногуни нашрияи «Садои мардум»;

– дар заминаи таҳлили маводи хабарии дар нашрия ба чоп расида, муайян кардани маҳорати рӯзноманигории муаллифон дар инъикос ва шарҳу тавзеҳи воқеиятҳои иҷтимоӣ;

– муайн кардани тарзи инъикос ва баррасии масъалаҳо сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқиву фарҳангӣ дар қолаби жанрҳои таҳлилӣ;

– таҳил ва арзёбии тасвири корнома ва чеҳраи инсониву касбии шахсиятҳои шинохта дар қолаби лавҳаву очеркҳо.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** нашрияи парлумонии «Садои мардум», ҳамчунин баъзе нашрияҳои дигар ва маводи дар онҳо чоп шуда, ки бевосита бо мавзуи мавриди назар алоқа доштанд, низ ба сифати сарчашма истифода шуданд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта осори гуногуни таҳқиқии донишмандони соҳа, аз ҷумла корҳои бунёдии соҳаи журналистика истифода намудааст. Осори назарӣ ва амалии донишмандони хориҷӣ ва санадҳои бойгониҳо низ мавриди истифода қарор гирифт.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Ҷ. Саъдуллоев, Ш. Муллоев, С. Хоҷазод, Б. Кутбиддинов ва хориҷӣ В. М. Горохова, С. М. Гуревич, Е.. Прохоров, В. Учёнова, В. Ворошилов, И. Д. Фомичева, А. Тертичний, М. Ким М. ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар аввалин пажӯҳиши мукаммал ва бонизом дар мавриди заминаҳо, омилҳои пайдоиш ва зинаҳои ташаккул ва таҳаввули аввалин нашрияи парлумонии ҷумҳурӣ «Садои мардум» мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ хусусиятҳои мундариҷавии нашрияро дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии давр таҳқиқ намуда, дар ҳамин замина маводи дар солҳои гуногун ба чоп расидаро аз рӯи мавзуъ тасниф ва дастабандӣ менамояд. Ҳамчунин, дар ин рисола лавҳаву очеркҳое, ки сарнавишт ва фаъолияти касбии шахсиятҳои алоҳидаро инъикос кардаанд, таҳлил шуда, равиши касбии тасвири корномаи ин афрод баҳогузорӣ гардидааст.

Диссертатсияи номзадии Султонов Муҳамадато Исоевич аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои муаллиф ҷанбаҳои назарии омӯзиши журналистикаи солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон, махсусан барои равшан кардани дараҷаи инъикоси воқеиятҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии кишвар ва савияи касбии

рӯзноманигорон ва мухбирони ин нашрия «Садои мардум» муосидат карда, нуктаҳои норавшани таърихи матбуоти даврии тоҷик ва пубтлисистикаро шарҳ медиҳад.

Меъёрҳое, ки дар рисола барои шинохти нашрияҳои парламенти ҳамчун типи нави матбуоти даврӣ, симо, нақш ва ҷойгоҳи нашрияи парлумонии «Садои мардум» дар низоми матбуоти даврии тоҷик ва фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва мушаххас гардад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои он, ки мавриди таҳқиқи рисолавӣ қарор гирифтаанд, бо барнома ва мавзуъҳои алоқаманд бо таҳқиқоти илмӣ пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастомада дар таҳия ва такмили васоит ва барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи **Султонов Муҳамадато** дар 6 мақолаи муаллиф, ки аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд.

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферaтро инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Султонов, М. Омилҳои пайдоиш ва ташаккули рӯзномаи «Садои мардум» / М. Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №3. – С. 255-261.

[2-М]. Муродӣ, М., Султонов, М. Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар жанрҳои хабар ва мусоҳиба (дар мисоли маводи рӯзномаи «Садои мардум») / М. Муродӣ, М. Султонов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2024. – №3 (67). – С. 89-100.

[3-М]. Султонов, М. Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» (дар мисоли мухбирнома ва табсира) / М. Султонов // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе, 2024. – №3 (11). – С. 175-185.

[4-М]. Султонов, М. Доир ба се марҳалаи инкишофи рӯзномаи «Садои мардум» / М. Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №7.– С. 316-322.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Султонов, М. Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» / М. Султонов // Сборник материалов Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Душанбе: РТСУ, 24 ноября 2024). – Душанбе, 2024. – С. 177-183.

[6-М]. Султонов, М. Вижагиҳои омӯзиши забон дар жанрҳои мусоҳиба (дар мисоли рӯзномаи «Садои мардум») / М. Султонов // Сборник материалов республиканской научно-практической конференции «Перспективные направления развития методики обучения русскому языку как неродному и иностранному» (Душанбе: РТСУ, 28 ноября 2024). – Душанбе, 2024. – С. 96-102.

Натиҷаҳои пажуҳиши мазкур метавонад зимни таълифи таърихи журналистикаи тоҷик, жанрҳои публитсистика, таҳияи маводи таълимӣ, дастурҳои назарию амалӣ, ҳангоми хондани курсҳои махсус аз фаннҳои таърихи журналистикаи точик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, модулу семинарҳо дар факултету кафедраҳои рӯзноманигории макотиби олии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию публитсистии нашрияи «Садои мардум» нақш ва ҷойгоҳи он дар низоми матбуоти даврии точик ва фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва мушаххас гардад.

Саҳми инфиродии муҳаққиқ дар омӯзиш ва арзёбии амиқи нашрияи «Садои мардум», дар ҷамъоварии маводи сарчашмаҳои назариву амалӣ, омӯзиш ва натиҷагирӣ аз тадқиқотҳои донишмандони соҳа, фарогирӣ ва муқоисаю баҳрабардорӣ аз назариёти донишмандони худиву хориҷӣ, омода намудани мақолаю маърузаҳо ва нашри рисолаю дастури таълимӣ доир ба мавзуи мазкур зоҳир мегардад. Таҳқиқоти анҷомгирифта маҳсули заҳмати

чандсолаи муаллиф буда, ниҳоят дар шакли диссертатсияи комил ба поён расид.

Кафедраи матбуоти факултети журналистика Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевичро дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №4 аз 29.11.2024.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи матбуот — Усманова Н.К.

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ — Якубова М.М.

Имзоҳои Усманова Н.К. ва
Якубова М.М.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
29 ноябри соли 2024.